Аз тарики шабакаи чахонии интернет хабари марги Мухаммадсаид Шехов, нафари наздик ба хонаводаи муассиси ташкилоти хамакнун экстремистию террористии Хизби нахзати исломӣ Сайид Абдуллохи Нуриро мутолиа карда, амик ба андеша рафтам. Аз он андеша кардам, ки иддае барои сиёсатхои палиди худ аз хазорон нафари бегуноху зудбовар истифода мекунанд. Мухаммадсаид Шехов хамагӣ 46 сол доштааст. Айни камоли инсоният, аммо курбони сиёсатхои разилонаи Кабирӣ. Аз чӣ бошад, ки хатто сахттарин мусибатхо барои баъзе ашхос намунае барои ибрату андешаву тааммулу тадаббур намешавад. Аз расонахои хабарӣ медонем, ки ду бародари Мухаммадсаид Шехов Мӯсочон Шехов ва Сӯхроб Шехов хам каблан бо носипосӣ аз Ватани махбуб бар зидди он киём карданду яке дар махбасу дигаре фирорист. Ин аъмоли нангини бародарон барои Мухаммадсаиди чавон дарс нашуду ӯ хам пайи афсонахои беохири Кабирӣ рафт. Киссаи зиндагии пурсаодат дар сарзамини бегонаро бовар кард. Аммо холо ӯ, ки аз дунё рафт, Кабириву нахзату пайравонаш лаб ба дандон газидаанд. Гӯё чизе нашудааст. Кабирӣ, ки бо такаббури ба худ хос аз Нурӣ “устод” ном мебарад, хатто марги хохарзодаи устодашро ба хонаводааш таслият нагуфт. Чӣ хам мегуфт? Мегуфт, ки ту курбони найрангхои сиёсии ман шудӣ? Мегуфт, ки нахзати хунхор туро дар баробари хазорон точикистониён ба балои бад гирифтор кард? Не! Ин сухане нест, ки Кабирӣ бигӯяд. Кабирӣ дар ин бора чизе намегӯяд! Агар гӯяд хам, мегӯяд, ки ту “шахид” гаштӣ. Ӯ ин “шаходат”-ро ба хонаводаи Мухаммадсаиди гӯрамарг тахният мегӯяд. Хатто агар аз хад зиёд зӯраш ояд, “ӯ узви хизб набуд” мегӯяд. Зеро мо борхо шохид гардидаем, ки чунин сиёсатхо ва мавкеъгирихои номардона бахши мухими фаъолиятхои Кабириро ташкил медихад. Аслан ба чунин амалкардхои Кабирӣ бо назари шакк нигаристан хам шояд чандон дуруст набошад. Зеро аз нафаре, ки ба хотири “серкорӣ” дар чанозаи модари худ ширкат намекунад, аз нафаре, ки дар рӯзхои вопасини умри падар ёди киблагох намекунад ва хатто баъди марги падар ба хотири дидани рӯи сарди падар намеояд, чӣ хам метавон интизор шуд. Мухаммадсаид Шехов аз хавои Ватан серӣ нафас нагирифт, аз оби Ватан серӣ нанӯшид ва аз навозиши Ватан серӣ нанозид… Фарзандонаш дар Точикистон умре дарди фироки падар мекашанд. Падаре, ки курбони сиёсати як гурӯхи террористӣ шуда. Аммо марги нобахангоми Мухаммадсаид бояд барои садхо чавони точик ибрат бошад. Аз он ки биандешанд, то фардо дер нашавад. То нашавад, ки фардо хатто барои чисми бечонамон як каф хоки Ватан насиб накунад…

Афшини Муким